«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдаки АИ ҶТ, доктори илмҳои филология, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Раҳматуллозода С.

«03» июня 2018 с.

Хулосаи

Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба диссертатсияи номзадии Ниёзова М. Т. дар мавзӯи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ», ки дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

Муаллифи диссертатсия Ниёзова Маҳина Тешаевна ходими хурди илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ мебошад.

Мавсуф соли 2009 Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзодаро аз рӯйи ихтисоси менеҷер хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 9 июни соли 2018, №445 аз тарафи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Охониёзов Варқа Дӯстович, доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшонӣ Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АИ ҶТ мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи номзадии номбурда дар ҷаласаи Шӯрои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 02.04.2010, суратмаҷлиси №2 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи баррасӣ ҷаласаи васеи шуъбаҳои фолклор, таърихи адабиёт ва адабиёти муосир ба чунин хулоса омад:

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмию назарӣ таълиф ёфта, аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Дар диссертатсия чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти бадеии шифоҳӣ ва хаттӣ дар заминаи нақлу ривоятҳо мушаххас гардидааст.

Муҳтавои диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти соҳавии шиносномаи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти мазкур мустақилона дар асоси таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳо ва маъхазҳои илмии марбут ба рӯзгору осори Абӯалӣ ибни Сино, ки дар Ганҷинаи фолклори тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст ва осори илмии мавҷудаи фолклоршиносон ва адабиётшиносон, китобу маҷмуаҳо таълиф гардидааст.

Дар таҳқиқот заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино, симои таърихии ӯ дар асоси ёддоштҳо ва ҳодисаҳои воқеии ҳаётӣ, маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ муайян гардидааст. Дар асоси таснифи маводи ҷамъшуда дар бораи Ибни Сино муаллиф маълум кард, ки он дар чор шакли асосӣ эҷод шуда, интишор ёфтааст: 1) мавод дар шакли нақлу ривоятҳои мардумӣ; 2) мавод дар шакли ёддоштҳои мустақим; 3) мавод дар шакли бозгӯйии муаррихон, адибон ва ҳаводорони фарҳангу ҳунар; 4) мавод дар шакли осори адабӣ (роман, ҳикоя, шеър, достон ва ғайра).

**Нововарии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсияи пешниҳодшуда бори аввал дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи ривоятҳои мардумӣ ва осори таърихӣ, илмӣ ва бадеӣ оид ба Абӯалӣ ибни Сино, бо мақсади муайян намудани истеъдоди фитрӣ, тасвири портрет ва характери Сино, кору фаъолият ва маҳорату истеъдоди волои ӯ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар диссертатсия, пеш аз ҳама, ҷанбаҳои маҳорати

табибӣ, ситорашиносӣ, омӯзгорӣ, шоирӣ ва ҳатто соҳирии Ибни Сино дар ривоятҳои мардумӣ, характеру рафтору муносибати ӯ аз назари муаррихон ва адибон ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Нахустин маротиба заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино муайян гардида, симои таърихии Ибни Сино дар асоси ёддоштҳо ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти ӯ то дараҷае мушаххас шуд. Бори нахуст нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусаввара (образ)-и Ибни  Сино таҳлил ва муайян гардид. Дар асоси маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ симо (портрет) ва сиришту хисол (характер)-и Ибни Сино таҳлил гардида, то андозае бо портрети ӯ дар ривоятҳои мардумӣ дар муқоиса гузошта шуд.

Ҳамаи ин масъалаҳо боиси ошкор гардидани сабабҳои шуҳрати Сино дар таърихи тамаддуни мардумони форсу тоҷик ба таври алоҳида ва дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври умумӣ муайян шуда, ҳатто замина ва сабабҳои пайдо шудани образи соҳирии Сино, ки махсус аз тарафи рӯҳониёну аҳли мутаассиб ба роҳ андохта шуд, мушаххас гардиданд. Натиҷаҳои таҳлили диссертатсия барои илми филологияи тоҷик маводи навро дар масъалаи синошиносӣ пешниҳод мекунад ва барои таҳлили дигар тарафҳои ҳаёт ва эҷодиёти Шайхурраис роҳ мекушояд. Бар замми ин, усули таҳлили образу портрет дар асоси нақлу ривоятҳо, ки нахустин маротиба ба таври густурда истифода гардид, метавонад минбаъд барои мушаххас намудани симо ва сиришту сиголи дигар намояндагони машҳури фарҳанги тоҷик истифода гардад.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар таҳлили системавии ривоятҳои халқӣ ва осори таърихию тазкиравӣ, дар муайян намудани образ, шахсият, портрет ва характери Абӯалӣ ибни Сино зоҳир мегардад. Дар диссертатсия сисилаи ривоятҳо ва ёддоштҳову қайдҳои ҷудогона дар осори гуногуни таърихию фарҳангӣ ба доираи таҳлил кашида мешаванд ва онҳо дар асоси хислату муносибат, симо ва ҳунари Сино гурӯҳбандӣ шудаанд. Бар замми ин, таҳлили ривоятҳову ёддоштҳои дастрас тамоми давраҳои ҳаёти Синоро, аз даврони кӯдакияш сар карда, то ба дами марг, дарбар гирифтааст. Як арзиши

дигари назариявии диссертатсияи пешниҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки он заминаи илмии таҳлили ривоятҳоро барои шахсиятҳои машҳури фарҳанг, илм ва ҳунар фароҳам меорад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ бо **асосҳои назариявӣ** ошкор гардидани сабабҳои шуҳрати Сино дар таърихи тамаддуни мардумони форсу тоҷик ба таври алоҳида ва дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври умумӣ муайян шуда, ҳатто замина ва сабабҳои пайдо шудани образи соҳирии Сино, ки махсус аз тарафи рӯҳониёну аҳли мутаассиб ба роҳ андохта шуд, мушаххас гардидааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** ҳам барои илми фолклоршиносӣ ва ҳам барои илми адабиётшиносии тоҷик арзиши махсус дорад. Он, пеш аз ҳама, барои ҳар ду илм маводи хуби таълимиро фароҳам меорад, ки дар таълиму тадриси хонандагони мактабҳои миёна ва донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад истифода бурда шавад. Яъне, маводи пешниҳодшуда барои таҳияи китобҳои дарсӣ мувофиқ аст ва инчунин метавонад дар курсҳои махсуси омӯзишии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

Маводи диссертатсия барои таълими ҳаёт ва фаъолияти Шайхурраис ибни Сино дар тамоми сатҳҳои таълим ва дар курсҳои махсуси омӯзишӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Диссертатсия инчунин барои илмҳои таърих, санъатшиносӣ, рассомӣ ва мардумшиносӣ маводи хуби илмиро дар омӯхтани шахсияти Ибни Сино пешкаш менамояд.

Мазмуни диссертатсия инчунин дар мавриди навиштани китобҳои таълимӣ метавонад ба инобат гирифта шавад.

Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертасионӣ дар мақолаҳои чопкардаи муаллиф инъикос ёфта, дар ҷаласаҳои шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар конфронсҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар шакли маърӯза пешниҳод гардида, муҳокима шудаанд.

**Арзиши назарии пажӯҳиш** дар таҳлили системавии ривоятҳои халқӣ ва осори таърихию тазкиравӣ, дар муайян намудани образ, шахсият, портрет ва характери Абӯалӣ ибни Сино зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаҳои илмӣ, 1 китоб, аз ҷумла 5 мақола, ки дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамуда Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидааст, баён гардидаанд. Муаллиф инчунин оид ба баъзе паҳлӯҳои мавзӯи мазкур дар конференсияҳои илмии анъанавии институт, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (2012-2018) гузориш додааст.

Ҳангоми муҳокимаи диссертатсияи номзадии Ниёзова Маҳина ба ду ҷанбаи он ҳамчун **ҷанбаи норасоӣ** ишора шуд, ки яке ба бештар асоснок намудани зарурати интихоби мавзӯю бозёфтҳои илмӣ ва дигаре ба истифодаи муродифҳои маъмули забони тоҷикӣ ба ҷои баъзе калимаҳо ва истилоҳоти забонҳои дигар, мисли "шаҳир" (машҳур), тазаккур (зикр), маҳсуб (ҳисоб), вариантнокӣ (қаринанокӣ), образ (сувар), портрет (симо), характер (хисол) ва амсоли инҳо дахл доштанд. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва ваъдаи бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия, ҳамчунон, бо дар ихтиёр доштани муҳлати зарурӣ барои бартараф намудани онҳо, ҷаласаи васеъ диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомшуда эътироф менамояд.

Диссертатсияи номзадии Ниёзова Маҳина дар мавзӯи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаҳои фолклор, таърихи адабиёт ва адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 16 нафар, аз онҳо «тарафдор» - 16 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест, суратҷаласаи № 2 дар 18.06. 2018 с.

Раиси ҷаласаи васеъ:
доктори илмҳои филология,
профессор, мудири шуъбаи
таърихи адабиёт Сатторзода Абдунабӣ

«03» 07 2018 с.

«Имзои Сатторзода Абдунабиро тасдиқ мекунам».
Нозири калони кадри Институти забон ва адабиёти
ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ Муродова С.